# ТАҚРИЗ

**ба автеферати диссертатсияи Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович дар мавзуи «Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ.-Душанбе: ДМТ,2024.-60 с.**

Шева чун яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои ғаномандии забон доимо дар маркази диққати пажӯҳишгарони забон буду ҳаст. Аз ин лиҳоз калимаҳои хоси шеваи забони тоҷикиро дар асоси лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷануби забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор додани унвонҷӯ Қурбонов Содиқ Ҳамроқулович шостаи такдир аст, зеро ба ин восита таҳаввули шеваҳои гуногуни забони тоҷикӣ муайяну муқаррар мегардад. Шевашиносии таърихии тоҷик равшан намудааст, ки лаҳҷаҳо баробари маҳфуз доштани шаклу қолибҳои таърихии забон пайваста забони адабӣ ва умумиистеъмолӣ навгониҳои луғавӣ низ медиҳад. Аз ин лиҳоз омузиши лаҳҷаҳо дар муқоисаи байниҳамдигарӣ ва забони адабӣ, аҳаммияти муҳимми илмиро доро буда, омили воқеии нишон додани раванди ташаккули таърихии забон маҳсуб меёбад.

Диссертасияи мазкури Қурбонов С. Ҳ. аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима таркиб ёфтааст. Дар автореферат ишора рафтааст, ки ҳаҷми умумии рисола 439 саҳифа мебошад.

Муқаддима ҳамаи бандҳои даркориро фаро гирифтааст.

Нахустбоби рисола **«Масъалаи таҳқиқ ва таснифи калимаҳои хоси шева»** шомили чор фасл аст. Дар 2 фасли аввали он пажӯҳишгар таҳқиқи калимаҳои хоси шеваро дар забоншиносии хориҷӣ ва тоҷик баррасӣ намуда, чанд андешаи тоза гуфтааст. Фаслҳои минбаъдаро ба таҳқиқи таснифи мафҳуми калимаҳои хоси шева ва ҳудуди интишори онҳо бахшидааст.

Боби сонӣ **«Роҳҳои ташаккули калимаҳои хоси шева»** унвон гирифта, фарогири 3 фаслу 13 зерфасл мебошад, ки муаллиф дар онҳо ташаккули калимаҳои шевагӣ бо роҳи калимасозӣ, манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули онҳо (умумитоҷикӣ, иқтибосӣ), вежагиҳои таърихии вожаҳоро (адабии китобӣ вобаста ба хиссаҳои нутқ) баррасӣ карда, ба чуини натиҷа расидааст: «Дар лаҳҷаҳо маҳфуз мондани калимаҳои асили тоҷикӣ ба табиати забони зиндаи халқ вобаста буда, бо гузашти вақт ин қабил калимаҳо ба тағйироти шакливу маъноӣ дучор мешаванд, ки омӯзиши ин раванд аҳаммияти калони илмӣ дорад»[Автореф., с. 33].

Боби сеюми рисола ба **«Таснифи мавзуии калимаҳои хоси шева»** бахшида шуда, 2 фасл ва 11 зерфаслро дар бар гирифтааст. Фасли якуми ин боб **«Таҳқиқи лексикаи ашёӣ»** номгузорӣ гашта, дар 8 зерфасли он калимаҳои ифодакунандаи хешутаборӣ, хонаву ҳавлӣ, хӯрокворӣ, либос, ороишот, ҷонварон, наботот, узвҳои бадан, бемориҳо, ҷашну маросим ва ҳунарҳои мардумӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Дар фасли 3. 2. муаллиф лексикаи ғайриашёиро омӯхта, қайд кардааст, ки дар таснифоти мавзуии луғати гӯйишҳо мавқеи асосиро гурӯҳҳои ашёӣ ташкил медиҳанд ва дар баробари он омузиши гурӯҳҳои ғайриашёӣ низ муҳим ба шумор меравад. Мансубияти мавзуии калимаҳои гӯйишии ифодакунандаи мафҳумҳои ғайриашёиро ба феъл, сифат ва зарф ҷудо кардааст. Вале хулосаи боб натиҷаи коррро равшантар аён мекард.

Хулосаи кор дар 22 банд ҷамъбаст гардидааст. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 6 банд ифода ёфта, воқеианд.

Оид ба мавзуъ як монография, як луғат ва 41 мақолаи муаллиф ба табъ расидааст, ки аз онҳо 22 тоаш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

Мазмун, муҳтаво, дараҷаи илмии диссертатсия ҷавобгӯи талаботи КОА ҶТ мебошад, вале бо вуҷуди ҳасаноти зиёди рисола дар он баъзе

нуктаҳое ба назар расиданд, киислоҳи минбаъдаашон ба манфиати кор хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Таснифот ва гурӯҳбандии лексикаи шевагӣ ба **ашёӣ**(калимаҳои шеваи ифодакунандаи мафҳумҳои хешутаборӣ мансуби ашё набудагистанд) ва **ғайриашёӣ** саҳеҳтар шавад, беҳтар буд.
2. Ҳангоми таҳлили дараҷаи омӯзиши мавзуъ хронологияи таҳқиқ риоя нашудааст.
3. Баъзе калимаҳо ба мисли **арасот** ва **равоқ** шевагӣ ҳисобида шудааст, ки тасҳеҳ мехоҳад.
4. Норасоиҳои услубӣ, тасҳеҳӣ, имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба назар расиданд(с. 4,12, 21, 24 ва ғ.).

Вале норасоиҳои мазкур ҷиддӣ набуда, ислоҳпазиранд ва ба сифати кор таъсир намерасонанд. Бинобар он, диссертатсияи мавриди тақризи унвонҷӯ **Қурбонов Содиқ Ҳамроқуловичро** дар мавзуи **«Таҳқиқи муқоисавии калимаҳои хоси шева дар лаҳҷаҳои тоҷикии ҳавзаи Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ»** кори бaанҷомрасида ва ҷавобгӯи талаботи КОА ҶТ ҳисобида, муаллифи онро сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мешуморам.

**Муқарриз:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи**
**давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ)**
**Шокириён Туғрал Сироҷзода**
**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд**
Суроғаи электронӣ: E-mail: shokirov1953@mail. ru
Телефон: (+992) 92 634 51 00

Имзои д. и. филол., профессор Т. С. Шокириёнро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И. Ҳ.**
«04» январи соли 2024